**ТАҚРИЗ**
**ба рисолаи номзадии Қаюмова Дилбар Ғафуровна**
**дар мавзӯи «Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**
**(аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик)**

Пажӯҳиши Дилбар Қаюмова таҳти унвони **«Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон»** ба яке аз мавзӯъҳои муҳим ва арзишманди адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, аз доманаи фарохи таҳқиқу баррасии махсус бархурдор мебошад. Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки рисола бар мабнои осори адиби ҷудогона, яъне дар заминаи таълифоти бадеии Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Сорбон пури Ҳамроҳ навишта шуда, дар он вижигиҳои поэтикии ҳикояву қиссаҳои ин суханвари мумтоз бо назардошти муҳтавою мундариҷаи мақолаю рисолаҳои илмӣ, тақризу гузоришоти мунаққидон ва мусоҳибаҳои ин қаламкаши тавоно баррасӣ гардидаанд. Унвонҷӯ огоҳона ва борикбинона тамоми сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва бадеии марбут ба Сорбонро, ки дар замони шӯравӣ ва дар даврони соҳибистиқлолӣ рӯи коғаз омадаанд, ба муомилоти адабпажӯҳӣ кашидааст.

Рисоланавис, бо вуҷуди он ки асарҳои Сорбон ва равиши эҷодии ӯро як ҷузъи адабиёти муосири тоҷик ба шумор меоварад, ҳанӯз аз муқаддимаи тадқиқот, бо далели фаровон аз мустақилияти эҷодӣ ва дорои сабки фардӣ будани ин нависандаи пуркор сухан мегӯяд.

Ҳамзамон, муҳаққиқ ба қадри тавони маънавии хеш доир ба шароит ва меъёри сухансанҷии адабиётшиноси замони шӯравӣ вобаста ба накду баҳодиҳии суханшиносон ба эҷодиёти Сорбон мулоҳиза ронда, зимнан аз устувории рӯҳонии нависанда, пойфишории ӯ дар ҳифзи сабку салиқаи нигориш, мавзӯъ ва сарнавишти образҳои меҳварии асарҳои вай ҳарф мезанад.

Мавриди зикр аст, ки муаллифи рисола дар робита ба шахсияту осори Сорбон ба ҳеҷ ваҷҳ ба адабиётшиносии шӯравӣ ва замони истиқлолият тафзил наниҳода, ҳамеша барои шинохти ҳунари асил эҳтимом варзидааст.

Тадқиқоти Дилбар Қаюмова аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат буда, дар бахши муқаддимавии рисола талаботу меъёрҳои таҳқиқот ба таври возеҳу равшан нишон дода шудааст.

Боби аввали рисола «**Ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва осори ӯ аз назари анвои адабӣ**» ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Фасли аввали ин боб **«Нақши мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии адиб»** унвон дошта, муаллиф оид ба ҳамбастагии сохтору дарунмояи осори Сорбон бо ҷараёни адабии давр андеша меронад.

Дар ин қисмати рисола нерӯву рӯҳияи таҷаддудталабонаи нависанда дар истиқболи падидаю зуҳуроти эҷодӣ, корбасти саҳеҳи бадеии масоили иҷтимоиву сиёсии дирӯзу имрӯзи ҳаёти ҷомеа, интихоби мавзӯъу сужетҳои ҷолибу ғайримуқаррарӣ, рамзгароӣ, тасвирпардозӣ, манзараоройӣ, ботиннигарӣ ва дар маркази офариниши бадеӣ қарор гирифтани ҷаҳони ботинии инсон равшан арёзбӣ гардидааст.

Дар кӯшишҳо ва муваффақиятҳои адабии Сорбон ба зоҳир омадани нишонаҳои созгори «насри андеша», «насри психологӣ», «насри лирикӣ», инчунин тадқиқи бадеии мукаммали характери қаҳрамон, бозтоби таърихи халқи тоҷик, таҳлили ахлоқи иҷтимоии ҳамзамонон ва тасвири арзишҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва маънавию фарҳангии халқи тоҷик аз шумори мавзӯоте мебошад, ки дар ин қисмати рисола мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби якум **«Эҷодиёти Сорбон аз нигоҳи мунаққидон»** ном дорад. Унвонҷӯ дуруст таъкид менамояд, ки таҳқиқи осори Сорбон аз дидгоҳи суханшиносон бояд бо назардошти ду даврони зиндагонии адиб – замони шӯравӣ ва даврони соҳибихтиёрӣ сурат гирад. Ҳамчунин вай бо далелҳо ёдрас мешавад, ки афкори адабиву эстетикии мунаққидони тоҷик доир ба эҷодиёти Сорбон бештар дар заминаи осори дар замони шӯравӣ навиштаи адиб матраҳ гардидааст.

Унвонҷӯ дар ин бахши диссертатсия ба таври мӯҷаз моҳияти мақолаву рисолаҳо ва гузоришҳои илмиеро, ки ҳангоми баррасии ҷараёни адабии давр шакл гирифтаанд, таҳлил намуда, перомуни ҷойгоҳи ҳунарии нависанда дар насри муосири тоҷик андешаҳои фарогири худро баён месозад. Ҳарчанд муаллиф дар раванди тадқиқот мақолаву гузоришоти илмиро бо назардошти таърихи таълифи онҳо баррасӣ намуда меояд, ҳама ҷо аз истиқлоли назари хеш хабар медиҳад ё бо гузашти замон тағйир ёфтани ақидаи илмии мунаққидонро нисбат ба мавзӯъ, мундариҷа ва сабки нигориши адиб ёдрас мешавад.

Фасли сеюми ин боб **«Таснифи анвои адабии осори Сорбон»** буда, нахуст ба таври мухтасар омори мероси маънавии адиб пешниҳод мегардад. Сипас, аз ҳикояву қиссаи хурд, қисса сар карда то роман ва асари ёддоштии нависанда мавриди таҳлил қарор мегиранд. Соҳиби диссертатсия тасаллут доштани худро ба дарунмояи осори Сорбон нишон дода, дар оғози фасл даҳ нишонаи асосии хос ба эҷодиёти ин адибро нишон медиҳад. Баъдан, аз рӯи мавзӯъ, мазмун ва мундариҷа ҳикояҳои адибро ба ҳафт навъ, амсоли психологӣ, иҷтимоӣ – маишӣ, ахлоқӣ, ишқӣ, тамсилӣ, ҳикояҳои ёддоштӣ, ки аз руҷӯъҳои публитсистӣ саршоранд ва ба ҳикояҳое, ки дар сарҳадди новелла қарор доранд, ҷудо менамояд.

Ҳамчунин аз назари тафсилоти воқеа, тарзи баён ва сабки нигориш ҳикоёти ин нависандаро чор гурӯҳ тақсим менамояд, ки дар ин ҷо низ талаботи меъёрҳои асливу меҳварии адабиётшиносиро санги маҳаки пажӯҳиш қарор медиҳад.

Муаллиф дуруст ёдовар мешавад, ки аксари повестҳои Сорбон дар замони шӯравӣ навишта шуданд ва мавзӯи онҳо низ ба дарунмояи ҳамон муҳит, меъёрҳову қонунмандиҳои иҷтимоии он даврон марбут аст.

Аз ин рӯ, барои исботи андешаҳои худ панҷ нишонаву вижагии қиссаҳои нависанда ва мақсадҳои эҷодии ӯро мутобиқу мувофиқ ба ин навъи адабӣ дар чанд нукта дармеёбад, ки шоистаи таҳсин аст.

Дар ин бахши тадқиқот ба таври мухтасар доир ба мазмун, мундариҷа, мавзӯъ ва сохтори романҳои Сорбон сухан рафтааст. Унвонҷӯ бо сайри

кӯтоҳе дар романҳои нависанда ӯро аз адибони муваффақ дар романнависӣ дар насри муосири тоҷик муаррифӣ менамояд.

Дар поёни фасл асари ёддоштии «Лоиқнома» баррасӣ мегардад ва диссертант ба хидмати Сорбон дар эҷоди чунин асар баҳои сазовор медиҳад.

Боби дуюми рисола **«Вежагиҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанриву сохторӣ дар осори Сорбон»** ном гирифта, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб сухан аз нақши Сорбон дар такмили ғанои ҳунариву маънавии жанрҳои ҳикояву қисса меравад.

Унвонҷӯ бо таҳлили чанд ҳикояи Сорбон ва шарҳу тавзеҳи нақду таҳлили адабиётшиносон ба ин натиҷа мерасад, ки нависанда аз оғози эҷодиёт то ба имрӯз дар қолаби ин жанри анъанавии ҳамосавӣ муҳимтарин мавзӯоти ҳаёти иҷтимоӣ, падидаву зуҳуроти фарҳангиву сиёсӣ, муносибати наслҳо, тазодҳои нерӯҳои гуногун, масъалаҳои ҳалталаби замон, ишқу муҳаббат, адолату садоқат, хиёнату разолат ва умуман сарнавишту тақдири одамони дорои тафаккур ва ҷаҳонбинии гуногунро тасвир намудааст.

Ба андешаи диссертант Сорбон бо муколамаҳои рамзгуна, хаёлпардозӣ, нозукандешӣ ва нерӯмандии психологӣ қонуниятҳои ҳастӣ, садамаҳои иҷтимоӣ, бархӯрди наслҳо ва ниҳояти камолоти моддиву равонии одамонро ба завари тасвир кашидааст.

Ба гуфтаи рисоланавис, дар адабиётшиносии мо ба чанд масоили гуногуни вобаста ба қиссаҳои адиб, чун мавзӯъ, мундариҷа, сужет, характеристикаи қаҳрамонҳо, иртиботи воқеаҳо, ҳадафмандии иҷтимоию ҳунарии нависанда ишораҳо рафтааст. Бо мақсади такмили холигоҳи илмии ин ҷанбаи эҷодиёти нависанда Дилбар Қаюмова ба таври мухтасар ҳар як қиссаро дар алоҳидагӣ, бо назардошти меъёрҳои сухансанҷӣ баррасӣ менамояд. Ин тарзи гузориши масъала моҳияти қиссаҳои Сорбонро барои аҳли илм равшантар сохтаанд.

Фасли дуюми ин боб **«Тасвири характер ва олами ботинии қаҳрамон»** унвон гирифта, дар он муҳимтарин нишонаҳои характер ва тасодумҳову инқилобҳои дарунии образҳои ҳикояву қиссаҳои Сорбон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо мақсади тасдиқи андешаҳои худ, унвонҷӯ ба афкори илмии олимони суханшинос рӯй овардааст. Агар А.М.Боршаковский образҳои повести «Ҷӯгӣ»-ро «ҷозиб ва фасеҳу серрангубор» гуфта бошад, муҳаққиқ Н.Н.Кладо образи Ҳакимро аз «Санги сипар» «характери халқӣ» номидааст. Академик М.Шукуров таъкид кардааст, ки нависанда дар повестҳои «Санги сипар» ва «Ҷӯгӣ» ба офаридани «шахсияти иқтидорманд», «шахсияти қавӣ», «характери зӯрманд» ноил гаштааст. Адабиётшинос А.Набиев Сорбонро нависандаи бомаҳорат донистааст, ки «таҳлили психологии характерро барои офаридани образҳои равшану назарнамо» ҳунармандона ба кор бурдааст.

Дар заминаи чунин ҷустуҷӯҳои илмӣ унвонҷӯ на танҳо дар фасли дуюми боби дуюм, инчунин дар фасли якуми боби аввал ва фасли сеюми боби дуюм масъалаи характери қаҳрамон, омилҳои ташаккулдиҳандаю

ғанобахшандаи дунёи ботинии образҳои ҳикояву қиссаҳои Сорбонро тадқиқ намудааст.

Фасли охирини боби дуюм **«Инъикоси рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ»** номида шудааст. Дар ин бахши тадқиқот як ҷанбаи вижагии ҳунарии осори Сорбон дар тасвири рӯҳи замон маънидод гардидааст. Унвонҷӯ дуруст дарёфтааст, ки адиб дар офаридаҳои бадеии хеш ба солу моҳи дақиқ ва замони дақиқи зуҳури ҳодисаҳо ишора накарда бошад ҳам, вале зимни коркардҳои адабии ӯ хонанда набзи замону макон, муносибати одамон ва пофишории онҳоро дар муқобили зуҳуроти мухталифи иҷтимоӣ эҳсос менамояд.

Ба андешаи муаллиф «Сорбон низ пешорӯи хонанда макон ва замонеро меоварад, ки такя ба воқеият дорад. Пайванди воқеа бо макону замони муайян ҳамеша қимати асари бадеиро афзун мегардонад. Нависанда тавассути образҳо, мотивҳо ва сужетҳо як ҷанбаи шуури миллию қавмии моро хуб ошкор месозад, ки ин ҳам мавҷудияти рӯҳи тобеъ ба замон ва воқеияти вақт аст» (саҳ.120).

Муаллифи рисола барои исботи гуфтори худ ин ҷанбаи ҳунарии эҷодиёти Сорбонро бо осори Каромутулло Мирзоев, Абдулҳамид Самад, Сайф Раҳимзоди Афардӣ ва дигар нависандагон қиёс карда, ҳамфикрии эҷодии онҳоро доир ба ин паҳлӯи рӯҳонии тафаккури халқи тоҷик ёдрас мешавад.

Бо мақсади таҳлили мудаллали масъалаи ҳофизаи таърихӣ ба осори устодони насри бадеӣ, чун Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҷалил, Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр рӯй оварда, нақши арзандаи онҳоро дар пешбурди худшиносии таърихии насли наврасу ҷавон таъкид менамояд.

Диссертант дақиқ менигорад: «Сорбон тавонистааст, ки миёни воқеаҳои маълуми таърихӣ ва маводи бадеии тасвиршаванда дар ҳикояву қиссаҳояш ягонагии мазмуну мантиқро дарёфта, арзиши афзояндаи худшиносии инсониро тавассути асарҳояш бозгӯӣ намоянд» (саҳ.129).

Тадқиқи рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ дар ҳикояҳову повестҳои нависандаи мавриди назари муаллифи рисола хеле барҷаста сурат гирифтааст.

Боби сеюми рисола **«Ҷанбаҳои сабкӣ ва ҳунарии осори Сорбон»** ном дорад. Дар фасли нахустини ин боб забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳои Сорбон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Унвонҷӯ дар оғози фасл сайри мухтасари илмиро оид ба тадқиқоти олимони суханшинос дар хусуси пасту баланди забони адабиёти бадеӣ анҷом додааст, ки барои шарҳу бозгӯии масъала ва ояндаи забони насри бадеӣ судманд хоҳад буд.

Дар идома мавҷудияти калимаҳои нодир, баёни лаҳҷавии ҳолатҳо, сабки носирони классикӣ ва корбурди зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехта ва афоризмҳо, корбасти санъатҳои бадеӣ, ҷойгоҳи ровӣ дар асарҳои Сорбон бо овардани намунаҳои равшану ҷолиби диққат таҳлил шудааст.

Фасли дуюми боби охирини тадқиқот **«Ҳунари нависандагии Сорбон дар рамзгароиву афсонапардозӣ, қиёфасозӣ, манзаранигорӣ, монологу диалог»** мебошад.

Муҳаққиқ барои баррасии ин ҷанбаҳои сабкӣ ва сохтории насри Сорбон мухтаво ва мундариҷаи ҳикояву қиссаҳои адибро ҳамаҷониба фаро гирифта, ҷиҳати таъйини нуфузи ҳар як нишонаи хос ба сабк ва устухонбандии асарҳо огоҳона иқтибос интихоб намудааст. Хулосаҳои хурд-хурди ӯ барои муайян кардани арзиши эстетикии эҷодиёти нависанда ва паҳлӯҳои ҳунари бадеии вай басо муҳаққиқона садо додаанд. Дар рисола таъкид шудааст, ки афсонапардозӣ ва хаёлбофӣ барои боло рафтани арзиши эстетикии осори нависанда хидмат карда, ҷустуҷӯҳои бадеии ӯро дар тарху сохтмони нав ба ҷилва овардаанд. Манзараҳои офаридаи нависанда на танҳо табиату муҳит, балки лаҳзаҳои гуногуни ҳаётро низ ифода кардаанд. Нависанда тавассути қиёфа ё чеҳраи қаҳрамон на фақат сифатҳову нишонаҳои зоҳирии ӯ, балки вижагиҳои ботинӣ, тинату ақида, мақсаду мароми вайро низ ифода карда тавонистааст.

Тадқиқот бозгӯи он аст, ки Сорбон барои офаридани симои қаҳрамон аз мавқеи хаёл, афсона, манзара, ҷузъиёти характер, маҳаллу манзили зист, авзои иҷтимоӣ ва дигар омилҳо нодиракорона истифода бурда, аносири дигари устухонбандии асари бадеӣ, мисли интерер, диалог, монолог, одату анъанаҳои муҳити тасвиршавандаро ба таври фаровон корбаст намудааст.

Рисола тибқи меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ, услуби хоси баён, истиқлоли фикрии муаллиф таълиф гардидааст. Корбурди дурусти ахбори сарчашмаҳо, осори таҳқиқӣ, адабиёти бадеӣ, муҳимтар аз ҳама, ҳосили сабки фардии муаллиф аз тадқиқи комили мавзӯъ гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки тасҳеҳи онҳо боиси такмили ҳусни рисола хоҳад буд:

1. Дар охири фасли якуми боби сеюм, ки «Забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳои Сорбон» ном гирифтааст, муаллиф дар хусуси ровӣ сухан ба миён меорад, вале баҳси илмии худро ба охир намерасонад ва ин қисмат бе хулосаи кӯтоҳ анҷом меёбад.

2. Дар баъзе мавридҳо талаботи имлои забони тоҷикӣ риоя нагардидааст (саҳ. 19, 23, 39, 58, 79, 97, 118, 144).

3. Дар рисола гоҳо ғалатҳои китобатӣ, техникӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд (саҳ. 7, 8, 17, 57, 64, 77).

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки рисолаи Қаюмова Дилбар Ғафуровна таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ**

**Мирсаидов Баҳром Тоҳирович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд.**

**Имзои Мирсаидов Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.**

Сардори шуъбаи кадрҳои Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд — Ҷалолова М.С.

Шуъбаи кадрҳо